УДК 338.2 DOI: 10.65599/CLXJ5183

# НАҚШИ АГЕНТИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**С.С. Ниёззода**

Агентии захираҳои моддии давалатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақола нақши Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар ҳифзи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мегардад. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ ва асосҳои назариявии истифодаи захираҳои моддии давлатӣ ҳамчун василаи таъмини устувории иқтисодӣ баррасӣ шуда, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ин Агентӣ шарҳ дода мешаванд. Қонунгузории миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои моддии давлатӣ» ва қарорҳои Ҳукумат таҳлил гардида, таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи захираҳои стратегӣ (бо мисолҳои Чин, Россия ва Қазоқистон ва дигар кишварҳо) муқоиса мегардад. Ҳамчунин, сохтор ва вазъи иқтисодии Агентӣ, нақши он дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, механизмҳои молиявиву ҳуқуқии фаъолияти сохтор, инчунин мушкилоти ҷорӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар асоси натиҷаи таҳлил тавсияҳо барои такмили фаъолияти Агентӣ ҷиҳати таъмини устувории бозори миллӣ ва амнияти иқтисодии кишвар пешниҳод мегарданд.

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иқтисодӣ, захираҳои моддии давлатӣ, қонунгузорӣ, бӯҳрон, захираҳои стратегӣ, устувории иқтисодӣ, таҷрибаи байналмилалӣ.*

# РОЛЬ АГЕНТСТВА ГОСУДАРСТВЕННЫХ МАТЕРИАЛЬНЫХ РЕЗЕРВОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**С.С. Ниёззода**

В статье исследуется роль Агентства государственных материальных резервов в обеспечении экономической безопасности Республики Таджикистан. Рассматриваются понятие экономической безопасности и теоретические основы использования государственных материальных резервов, как инструмента обеспечения устойчивости экономики, а также анализируются правовые основы деятельности данного Агентства. Проведен обзор национального законодательства Таджикистана, включая Закон Республики Таджикистан «О государственном материальном резерве» и постановления Правительства, а также сопоставлен международный опыт (на примере Китая, России и Казахстана) в сфере стратегических резервов. Кроме того, в статье представлен структурный и экономический анализ деятельности Агентства, раскрывается его роль в условиях кризиса, рассматриваются финансовые и правовые механизмы функционирования, а также существующие проблемы, и предлагаются рекомендации по их решению. По результатам исследования выработаны предложения по совершенствованию деятельности Агентства с целью укрепления внутреннего рынка и обеспечения экономической безопасности страны.

***Ключевые слова****: экономическая безопасность, государственные материальные резервы, законодательст-во, кризис, стратегические запасы, устойчивость экономики, международный опыт.*

# THE ROLE OF THE AGENCY FOR STATE MATERIAL RESERVES IN ENSURING THE ECONOMIC SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**S.S. Niyozzoda**

This article examines the role of the State Material Reserves Agency in ensuring the economic security of the Republic of Tajikistan. It discusses the concept of economic security and the theoretical rationale for utilizing state material reserves as an instrument of economic stability, and analyzes the legal framework governing the Agency's activities. The national legislation of Tajikistan is reviewed, including the Law "On State Material Reserve" and relevant government decrees, and international experiences in strategic reserves management (with examples from China, Russia, and Kazakhstan) are compared. The article also provides a structural and economic analysis of the Agency, highlighting its role during crises, the financial and legal mechanisms of its operations, as well as current challenges, and offers recommendations for improvement. Based on the analysis, recommendations are proposed to enhance the Agency's effectiveness in stabilizing the domestic market and strengthening the *country's economic security.*

***Keywords****: economic security, state material reserves, legislation, crisis, strategic reserves, economic stability, international experience.*

## Муқаддима

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки таҳдидҳои иқтисодию геосиёсӣ ва хавфҳои табиӣ рӯ ба афзоиш доранд, таъмини амнияти иқтисодӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Барои ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти иқтисодӣ на танҳо кафолати рушди устувори миллӣ, балки заминаи таҳкими истиқлолият ва суботи иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз омилҳои муҳим дар таъмини амнияти иқтисодӣ захираҳои моддии давлатӣ мебошанд, ки ҳамчун воситаи стратегӣ барои ҳифзи бозор, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ҳаётан муҳим ва муқовимат ба бӯҳронҳои иқтисодӣ хизмат мекунанд. Омилҳои таъсиррасон ба амнияти иқтисоди дар расми 1 оварда шудаанд.




*Расми 1– Омилҳои таъсиррасон ба амнитяи иктисодӣ*

Ташкили низоми захираҳои моддии давлатӣ дар Тоҷикистон аз оғози давраи истиқлолият оғоз ёфта, имрӯз тавассути Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ин сохтор дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ки сиёсати давлатро дар соҳаи ташаккул, нигоҳдорӣ ва истифодаи захираҳои стратегӣ амалӣ намояд.

Бо дарназардошти аҳамияти ин масъала, мақолаи мазкур ба таҳлили илмии нақши Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар бахшида шудааст. Дар он паҳлӯҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, сохторӣ ва иқтисодии фаъолияти Агентӣ баррасӣ гардида, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои такмили фаъолияти он пешниҳод мегарданд.

## Нақши Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Амнияти иқтисодӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми амнияти миллӣ ба шумор рафта, ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими иқтисодии кишвар аз хатарҳои эҳтимолии дохилӣ ва хориҷиро ифода мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва болоравии вобастагии кишварҳо аз бозори ҷаҳонӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ барои давлатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намудааст. Яке аз василаҳои калидӣ барои таҳкими амнияти иқтисодӣ эҷод ва истифодаи захираҳои моддии давлатӣ ба шумор меравад. Захираҳои моддии давлатӣ маҷмуи захираҳои махсуси молу маводди стратегӣ мебошанд, ки барои посухгӯӣ ба талаботи мамлакат дар ҳолатҳои бухронию фавқулода ва ҳифзи суботи иқтисодӣ нигаронида шудаанд [1]. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки давлатҳо бо роҳандозии низоми захираҳои стратегӣ метавонанд дар давраҳои буҳрони иқтисодӣ, офатҳои табиӣ, норасоии мавод ва тағйирёбии нархҳо устувории иқтисодии худро нигоҳ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти ҳассосияти иқтисодаш нисбат ба таъсири омилҳои беруна, аз рӯзҳои аввали истиқлолият аҳамияти ташаккули захираҳои моддии давлатиро хуб дарк намудааст. Дар мамлакат низоми захираҳои моддии давлатӣ тадриҷан ташаккул ёфта, идоракунии он ба зиммаи Агентии захираҳои моддии давлатӣ гузошта шудааст. Ин Агентӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираҳои моддиро ба уҳда дорад [2]. Зарурат ва нақши ин сохтор дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар дар ҳолатҳои гуногун – аз қабили буҳронҳои бозорӣ, офатҳои табиӣ, тағйириёбии нархҳҳо дар бозор ва ноустувории онҳо ва дигар таҳдидҳои эҳтимолӣ – пайваста афзоиш меёбад.

Дар мақолаи пешниҳодшаванда, сараввал мафҳум ва асосҳои назариявии амнияти иқтисодӣ ва нақши захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини он баррасӣ шуда, сипас таҳлили ҳуқуқии фаъолияти Агентии захираҳои моддии давлатӣ анҷом дода мешавад. Илова бар ин, қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи захираҳои моддӣ ва ҳамчунин таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ (бо мисоли Чин, Русия ва Қазоқистон ва дигар кишварҳо) мавриди баррасӣ ва муқоиса қарор мегиранд. Дар қисматҳои минбаъда сохтори ташкилӣ ва иқтисодии Агентӣ, нақши он дар шароити буҳронӣ ва механизмҳои молиявию ҳуқуқии фаъолияти сохтор таҳлил

мегардад. Ниҳоят, мушкилоти ҷории низоми захираҳои моддӣ баррасӣ шуда, барои такмили минбаъдаи фаъолияти Агентӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод хоҳанд шуд.

Амнияти иқтисодӣ мафҳуми васеъ буда, дар қонунгузории миллии Тоҷикистон чунин таъриф шудааст: ҳолати ҳифзи иқтисоди миллӣ аз шарту омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодӣ таҳдид мекунанд [3]. Ба ибораи дигар, амнияти иқтисодӣ қобилияти давлат ҷиҳати таъмин намудани шукуфоии иқтисодӣ, устувории бозори дохилӣ, рушди саноативу иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ аз зарбаҳои иқтисодиро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари теория, амнияти иқтисодӣ ҳамчун як ҳолати муътадили иқтисоди миллӣ фаҳмида мешавад, ки дар он механизмҳои самараноки идоракунии хавфҳои иқтисодӣ барои коҳиши таъсири таҳдидҳои эҳтимолӣ мавҷуданд.

Мафҳуми амнияти иқтисодӣ инчунин дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла, таҳлилгари тоҷик С. С. Ниёззода зикр мекунад, ки амнияти иқтисодӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ дар ҷаҳони муосир буда, он ҳамчун як системаи мураккаб ва бисёрсоҳавӣ амал мекунад [4]. Тавре ки муҳаққиқони рус таъкид менамоянд, амнияти иқтисодӣ – ин ҳолати ҳифзи иқтисоди кишвар аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ буда, рушди пайвастаи ҷомеа ва суботи иҷтимоиву иқтисодиро ҳатто дар шароити таъсири омилҳои номатлуб таъмин менамояд [5]. Дар сатҳи байналмилалӣ низ мафҳуми амнияти иқтисодӣ густариш ёфтааст. Масалан, тибқи гузориши Академияҳои миллии илмҳои ИМА (National Academies, 2017), амнияти иқтисодӣ чунин таъриф мешавад: “ҳолати иқтисодиёт, ки имкон медиҳад ниёзҳои асосии шаҳрвандон таъмин, рушди устувори иқтисодӣ нигоҳ дошта шуда, сатҳи муносиби зиндагии мардум ҳифз гардад” [6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъмини амнияти иқтисодӣ дар сатҳи давлатӣ низ эътироф шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» мафҳуми амнияти иқтисодиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ шарҳ дода, таъкид менамояд, ки ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ бояд бо қарорҳо ва амалҳои дахлдори давлат таъмин гардад [3]. Ҳамин тавр, мавҷудияти низоми самараноки захираҳои моддии давлатӣ яке аз заминаҳои калидии амнияти иқтисодӣ ба шумор меравад. Захираҳои моддии давлатӣ яке аз востаҳои муҳимме мебошанд, ки давлат тавассути онҳо хавфҳои вобаста ба норасоии озуқаворӣ, сӯзишворӣ, маводди доруворӣ ва дигар маҳсулоти стротегиро коҳиш дода, дар ҳолатҳои буҳронӣ суботи иқтисодиро нигоҳ дошта метавонад [3].

Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, захираҳои моддии давлатӣ ҷузъи сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб шуда, ҳамчун пуштибони стратегӣ барои иқтисодиёт хидмат мекунанд. Назарияҳои амнияти иқтисодӣ таъкид мекунанд, ки ҳар давлат бояд “болишти амниятӣ”-(Захираи молиявии эҳтиёти барои таъмини суботи иқтисодӣ дар ҳолатҳои ғайриинтизор)-и худ – яъне захираи кофии озуқаворӣ, сӯзишворӣ, маблағҳои захиравӣ ва ғайраро дошта бошад, то битавонад дар ҳолати буҳрон эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи аҳолӣ ва иқтисодро ба таври мустақилона қонеъ намояд. Чунин захираҳо имконият медиҳанд, ки таъсири манфии таҳдидҳо ба иқтисодиёт коҳиш ёфта, устувории иқтисодӣ ва қобилияти муқовимати давлат дар шароити буҳронӣ таҳким ёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои пешрафта захираҳои стратегиро барои мудохила ба бозор низ истифода мебаранд, то дар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ нарх ва талаботро танзим намоянд. Масалан, давлати Чин захираҳои азими давлатиро барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории бозор таъсис додааст ва ҳангоми зарурат бо истифода аз онҳо ба бозор дахолат мекунад [7].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули низоми захираҳои моддии давлатӣ заминаи қонунии худро дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои моддии давлатӣ» аз 22 декабри соли 2006 санади асосие мебошад, ки тартиби ташаккул, идоракунӣ ва истифодаи захираҳои давлатиро муқаррар намудааст [3]. Тибқи ин қонун, захираи моддии давлатӣ (ё худ захираҳои давлатӣ) маҷмӯи захираҳои махсуси маводди стратегӣ ва молҳоеро дар бар мегирад, ки барои таъмини талаботи кишвар дар ҳолатҳои сафарбарӣ, рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулодда, дастгирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, расонидани кӯмаки башардӯстона ва таъсиррасонӣ ба танзими бозор пешбинӣ шудааст [3]. Ҳамин тариқ, қонун ҳадафи асосии захираҳои моддии давлатиро нигоҳ доштани суботи иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ ва пешгирии камбуди молу маводди ҳаётан муҳим муайян намудааст [3].

Илова бар ин, барои татбиқи қонуни мазкур санадҳои зерқонунӣ низ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №652 аз 30 декабри 2007 Агентии захираҳои моддии давлатӣ таъсис дода шуд ва Низомномаи фаъолияти он тасдиқ гардид [2]. Бар асоси Низомномаи мазкур, Агентии захираҳои моддии давлатӣ мақоми маркази ҳокимияти иҷроияро ташкил медиҳад ва татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи захираҳои моддӣ таъмин менамояд ва вазифаҳои асосии он ташаккули захираҳои моддӣ, идоракунии захираҳо, ҷойгиркунӣ ва навсозии онҳо, инчунин таъмини омодагии доимии захираҳо барои истифода дар

ҳолатҳои зарурӣ мебошад [8]. Ҳамчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №778 аз 29 декабри 2006 «Дар бораи Қоидаҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои моддӣ» тартиби пур кардани анборҳои захиравӣ, тартиби навсозӣ ва истифодаи захираҳоро муайян намудааст [9]. Ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ заминаи зарурии амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираҳои моддиро фароҳам овардаанд.

Бояд зикр намуд, ки Агентии захираҳои моддии давлатӣ ҳамчун ниҳоди марказии ҳукуматӣ бо ҳадафи таъмини ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои дахлдор, иҷрои вазифаҳои байниидоравӣ ва рушди низоми захиравии кишвар таъсис ёфтааст. Низомномаи Агентӣ, ки бо қарори Ҳукумати мамлакат тасдиқ шудааст, сохтор, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Агентиро муқаррар намуда, муносибатҳои онро бо дигар вазорату идораҳо танзим мекунад [8]. Барои шиносоии бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ бо фаъолияти Агентӣ, тарҷумаи англисии Низомномаи он низ нашр шудааст [10]. Ин ҳама нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон пояҳои қонунӣ ва ташкилӣ барои фаъолияти самараноки сохтори захираҳои давлатӣ гузошта шуда, феълан такмилу рушди минбаъдаи онҳоро талаб мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки низоми захираҳои стратегӣ унсури муҳими таъмин намудани амнияти иқтисодист. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон захираҳои давлатии озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва дигар маводди стратегӣ ҳамчун захираи амниятӣ ва кафолати иқтисодии миллӣ хизмат мекунанд. Масалан, Чин дорои маъмурияти махсус оид ба захираҳои озуқаворӣ ва стратегист, ки маҳсулоти асосиро нигоҳ дошта, ҳангоми ниёз ба бозор мебарорад ва бо ин васила нарх ва дастрасии онҳоро танзим мекунад Дар Чин National Food and Strategic Reserves Administration (NFSRA Мақомоти Миллии Захираҳои Озуқа ва Стратегӣ). Захираҳои азими ғалла ва гӯшти хукро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва танзими бозор истифода мебарад. Дар соли 2019, ҳангоми эпидемияи зукоми хук, NFSRA захираҳои гӯшти хукро озод кард, ки нархҳоро 5–7% коҳиш дод ва норасоии озуқавориро пешгирӣ намуд. Ин тадбир амнияти озуқавориро таъмин кард ва инфлятсияи бозорро дар шароити буҳронӣ коҳиш дод [7]. Ин таҷриба барои Тоҷикистон намунаи арзишмандест дар самти ташкили низоми муосири захираҳои моддӣ, ки метавонад нақши муҳим дар коҳиши вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва тақвияти амнияти озуқаворӣи кишвар бозад. Иҷрои чунин таҷрибаҳо имкон медиҳад, ки захираҳои зарурии стратегӣ дар дохили кишвар мунтазам ва самаранок ташкил шуда, тавоноии давлатӣ дар вокуниш ба буҳронҳои иқтисодӣ, тағйироти иқлим ва ноустувории бозори ҷаҳонӣ афзоиш ёбад. Ҳамзамон, ин низом ба таҳкими иқтидори истеҳсолии дохилӣ, дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва таъмин намудани устувории бозори истеъмолӣ мусоидат мекунад. Россия низ тавассути Агентии федералии захираҳои давлатии худ (Росрезерв) садҳо номгӯйи маводди стратегиро барои ҳолатҳои фавқулода захира менамояд. Ин сохтор яке аз унсурҳои асосии системаи амнияти давлатии Россия ба ҳисоб меравад ва махфияти ҳаҷм ва ҷойгиршавии анборҳои онро қонун ҳимоя мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 72% шаҳрвандони Россия мутмаинанд, ки захираҳои стратегӣ ба аҳолӣ имкон медиҳанд дар ҳолати буҳрон худро ҳифзшуда эҳсос намоянд. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) 20 миллион тонна нон ва дар соли 2024 захираҳои бензин барои кӯмаки башардӯстона дар минтақаҳои амалиёти ҳарбӣ озод карда шуданд, ки устувории иқтисодии минтақаҳоро таъмин кард. Ин тадбирҳо ба коҳиши таъсири буҳронҳо ба бозор мусоидат карданд[11]. Таҷрибаи мазкур барои Тоҷикистон аҳамияти калон дорад, зеро нишон медиҳад, ки ташкили низоми самараноки захираҳои моддӣ метавонад воситаи муассир барои пешгирӣ ва идоракунии ҳолатҳои буҳронӣ гардад. Истифодаи чунин таҷрибаҳо имконият фароҳам меорад, то кишвар тавонад ба таҳдидҳои иқтисодию иҷтимоӣ сари вақт посух диҳад, таъминоти бозорро устувор нигоҳ дорад ва заминаи боэътимод барои амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор фароҳам созад.

Дар Япония Agency for Natural Resources and Energy (ANRE) (Агентии Захираҳои Табиӣ ва Энергетика) захираҳои биринҷро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва танзими бозор истифода мебарад. Дар соли 2025 ANRE 210,000 тонна биринҷро озод кард, то нархи як халтаи 5 кг аз 4,000 ба 3,000 йен коҳиш ёбад, ки ба устувории бозори дохилӣ мусоидат кард. Ин тадбир амнияти озуқавориро дар шароити дефицит таъмин намуд [12].

Кореяи Ҷанубӣ тавассути Korea National Oil Corporation (KNOC – Корпоратсияи Миллии Нафт ва Газ). Захираҳои гандум ва нафтро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва устувории бозор истифода мебарад. Дар солҳои 2021–2025 KNOC захираҳои гандумро аз 10,000 то 30,000 тонна афзоиш дод, то нархҳоро дар давраи пандемия танзим кунад ва амнияти озуқавориро таъмин намояд. Ин тадбир ба коҳиши таъсири буҳрон ба бозори дохилӣ мусоидат кард [13].

Ҳиндустон тавассути Indian Strategic Petroleum Reserve Limited (ISPRL – Корпоратсияи Захираҳои Стратегии Нафтии Ҳиндустон). Захираҳои гандум ва биринҷро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва танзими бозор истифода мебарад. Дар солҳои 2020–2025 ISPRL захираҳои гандумро аз 10 миллион тонна то 21 рӯзи талабот афзоиш дод, то инфлятсияро коҳиш диҳад ва норасоии озуқавориро пешгирӣ кунад. Ин тадбир амнияти озуқавориро дар шароити пандемия тақвият дод [14].

Дар Эрон National Iranian Oil Company (NIOC) таъмини сӯзишвориро иҷро менамояд. Вазорати Ҷиҳоди Кишоварзӣ барои озуқаворӣ. Захираҳои нафт ва газро барои таъмини амнияти иқтисодӣ идора мекунад, дар ҳоле ки Вазорати Ҷиҳоди Кишоварзӣ захираҳои гандум ва биринҷро барои устувории бозор истифода мебарад. Дар солҳои 2020–2025, ҳангоми таҳримҳои байналмилалӣ, захираҳои гандум озод карда шуданд, то нархҳоро 5–7% коҳиш диҳанд ва амнияти озуқавориро таъмин кунанд [15]. Ин тадбир ба коҳиши таъсири бӯҳронҳо ба бозори дохилӣ мусоидат кард.

Ҳамзамон, Қазоқистон низ системаи захираҳои давлатиро рушд дода истодааст. Кумитаи захираҳои моддии давлатӣ Вазорат оид ба ҳолатҳои фавқулодда Ҷумҳурии Қазоқистон ба захиракунонии маводди озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва дигар захираҳои муҳим машғул мебошад [16]. Чунончи, дар соли 2024 вақте Россия бо норасоии сӯзишворӣ рӯбарӯ шуд, Россия аз Қазоқистон дархости бензин намуд. Қазоқистон бензинро таъмин кард, ки нархҳоро танзим намуд ва устувории иқтисодии минтақаро таъмин кард [17]. Ин тадбир ба коҳиши вобастагӣ аз воридот ва таъмини амнияти энергетикӣ мусоидат кард.

Дар Ӯзбекистон Кумитаи идоракунии захираҳои давалатӣ назди Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (State Reserves Management Committee) захираҳои орд ва шакарро барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар бӯҳронҳо истифода мебарад. Дар солҳои 2020–2025 захираҳои озуқавориро бо нархҳои субсидияшуда озод кард, то бо гуруснагӣ мубориза барад, аммо коррупсия ва норасоии идоракунӣ устувории бозорро маҳдуд кард. Ин тадбир ба коҳиши нархҳо ва таъмини аҳолӣ бо маводди ғизоӣ мусоидат кард, вале мушкилоти идоракунӣ таъсири онро кам кард [18].

Қирғизистон тавассути Фонди захираҳои моддии давлатӣ Вазорат оид ба ҳолатҳои фавқулодда Ҷумҳурии Қирғизистон (State Material Reserves Fund) захираҳои биринҷ ва ордро барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории бозор истифода мебарад. Дар соли 2023 ин фонд мошинҳои нав харид, то таъминоти озуқавориро дар минтақаҳои дурдаст таъмин кунад, ки ба коҳиши норасоии маҳсулот ва устувории нархҳо мусоидат кард. Ин тадбир амнияти иқтисодии дохилиро тақвият дод [19].

Туркманистон тавассути Захираҳои давлатии озуқаворӣ орд ва равғанро барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар бӯҳронҳо истифода мебарад. Дар солҳои 2020–2025 захираҳо бо нархҳои субсидияшуда тақсим шуданд, то бо гуруснагӣ мубориза баранд, аммо рационинг ва норасоии идоракунӣ мушкилот эҷод карданд. Ин тадбир ба коҳиши нархҳо мусоидат кард, вале самаранокии он маҳдуд буд [20]. Ин барои Тоҷикистон дар идоракунии самараноки захираҳо дар шароити бӯҳронӣ дарси муҳим аст.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷи дуру наздик, аз ҷумла Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон, Эрон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо, нишон медиҳад, ки нақши низоми самараноки захиракунии маводди ниёзи аввалия дар таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва озуқавории кишвар басо муҳим мебошад. Дар ин кишварҳо ташкили шабакаҳои муназзами логистикӣ, анборҳои стратегӣ, механизмҳои тақсими фаврии захираҳо ва дастгирии давлатӣ имконият фароҳам овардааст, ки онҳо тавонанд дар шароити бӯҳронӣ ва тағйироти ногаҳонии бозор таъмини устувории иқтисодиро ҳифз намоянд.

Барои Тоҷикистон омӯзиши чунин таҷрибаҳо аҳамияти калидӣ дорад, зеро татбиқи унсурҳои муассири он метавонад ба баланд бардоштани иқтидори идоракунии захираҳои моддӣ, беҳтарсозии механизмҳои бонақшагирӣ ва тавсеаи зерсохтори логистикӣ мусоидат намояд. Бо роҳандозии сиёсатҳои воқеан илмӣ-асоснок, таъмини маблағгузории устувор ва истифодаи технологияҳои муосир, кишвар метавонад низоми миллии захираҳои стратегиро ба сатҳи нав бардошта, иқтисоди миллиро аз таъсири хавфҳои глобалӣ ва зарбаҳои беруна ҳифз кунад.

Кишварҳои пешрафтаи Осиё, аз ҷумла Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон ва Эрон, таҷрибаи ғанӣ дар ташкили низоми захираҳои моддӣ доранд (ҷадвали 1). Онҳо бо роҳандозии сиёсати дуруст ва дастгирии давлатӣ тавонистаанд захираҳои устувори озуқаворӣ ва энергетикӣ ташкил намоянд, ки дар ҳолатҳои бӯҳронӣ барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ин кишварҳо низоми анбордорӣ, логистика ва тақсимоти захираҳо ба таври самаранок кор мекунад ва давлат метавонад сари вақт ба тағйироти бозор посух диҳад.

Барои Тоҷикистон омӯзиши чунин таҷрибаҳо муҳим аст, зеро кишвар ҳанӯз то ҷое аз воридоти маводди ниёзи аввал вобаста мебошад. Бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мазкур, Тоҷикистон метавонад фаъолияти захиракунонии худро такмил дода, низоми муосири идоракунии захираҳои моддиро рушд диҳад. Ин амал ба таъмини амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣ, инчунин ба устувории нархҳо дар бозор мусоидат мекунад.

Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сохтори муайяни идорӣ ва шабакаи воҳидҳои зертобеъ мебошад. Сарварии Агентиро директори Агентӣ ба уҳда дошта, ба таври мустақим ба Ҳукумати мамлакат итоат мекунад.

Ҷадвали 1 – Таҷрибаи кишварҳои алоҳида ва чораҷӯии онҳо дар самти ташкили захираҳои моддии давлатӣ

| № | Кишвар ва сол | Навъи захира | Чораи андешидашуда | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чин (2019) | гӯшти хук | озодкунии захираҳо | коҳиши нархҳо ба 5-7% |
| 2 | Япония (2025) | биринҷ | озодкунии захираҳо 210 000 тонна | коҳиши нархи 5 кг аз 4,000 ба 3000 йен ба 25% |
| 3 | Кореяи Ҷанубӣ (2021-2025) | гандум | афзоиши захираҳо аз 10 000 то 30 000 тонна | танзими нархҳо дар пандемия |
| 4 | Ҳиндустон (2020-2025) | гандум | афзоиши захираҳо то 21 рузи талабот | коҳиши инфлятсия |
| 5 | Эрон (2020-2025 | гандум | озодкунии захираҳо | коҳиши нархҳо ба 5-7% |
| 6 | Қазоқистон (20241) | бензин | таъмини бензин ба Россия | танзими нархҳо, амнияти энергетикӣ |
| 7 | Ӯзбекистон (2020-2025) | орд, шакар | озодкунии захираҳо бо нархҳои субсидияшуда | Коҳиши нархҳо, аммо мушкилот коррупсия |
| 8 | Қирғизистон (2023) | биринҷ, орд,шакар | хариди мошинҳо барои таъминот | Коҳиши норасоии маҳсулот |
| 9 | Туркманистон (2020-2025) | орд, равған | озодкунии захираҳо бо нархҳои субсидияшуда | Коҳиши нархҳо, аммо мушкилот идоракунӣ |
| 10 | Россия (2024) | бензин | озодкунии захираҳо барои кӯмаки башардӯстона | таъмини устувории иқтисодӣ |

Дар сохтори Агентӣ раёсатҳо ва шуъбаҳои тахассусӣ (масалан, раёсати ташкил ва идораи захираи давалтӣ, раёсати таҳлил ва ба нақшагирии захираи давалатӣ, раёсати молия ва муҳосбот, бахши идораи захираи сафарбарӣ ва ғайра) таъсис ёфтаанд, ки ҳар кадом идоракунии навъи муайяни маводди захиравиро анҷом медиҳанд. Агентӣ ҳамчунин дар вилоятҳо воҳидҳои худ (базаҳо ва анборҳои захиравӣ) дорад, ки барои захиракунонии мавод дар минтақаҳои гуногуни кишвар хизмат мекунанд. Тибқи маълумоти расмӣ, то имрӯз Агентӣ дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон як қатор анборҳои нави замонавии захиравӣ бунёд кардааст (аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) [21]. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои моддӣ дар тамоми ҳудуди кишвар дастрас ва дар ҳолати зарурӣ фавран истифода шаванд.

Аз дидгоҳи иқтисодӣ, Агентии захираҳои моддии давлатӣ яке аз воситаҳои муҳими стабилизатсионии бозор ба шумор рафта, барои коҳиши таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ хизмат мекунад. Хариди маҳсулоти ҳаётан муҳим дар давраи фаровонӣ ва захиракунонии он, ва фурӯши ин маҳсулот ё истифодаи он дар давраи норасоӣ яке аз вазифаҳои иқтисодии муҳимми Агентӣ ба шумор меравад. Масалан, соли 2024 Ҳукумати Тоҷикистон барои пур намудани захираи давлатӣ бо гандуми истеҳсоли дохилӣ ба Агентӣ 50 млн сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо намуд, ки ин ташаббус ба дастгирии деҳқонон ва зиёд намудани захираи ғалла равона гардид [22]. Инчунин Агентӣ бо ҷалби Фонди стабилизатсионӣ ва дигар механизмҳои молиявӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳаҷми захираҳои озуқаворӣ ва сӯзишвории кишварро мунтазам афзоиш диҳад. [23] Иқдоми мазкур дар ҳолатҳои поинравии истеҳсолот ё қатъ шудани воридоти маҳсулоти асосӣ ба бозор имкон медиҳад, ки тавассути истифодаи захираҳои давлатӣ арзиши молҳо ва дастрасии онҳо барои аҳолӣ дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шавад.

Бо вуҷуди дастоварду кӯшишҳои зикршуда, вазъи иқтисодии Агентӣ бо чанд мушкилӣ рӯ ба рӯ мебошад. Пеш аз ҳама, метавон зикр кард, ки ҳаҷми захираҳои моддии давлатӣ то ҳол ниёз ба тақвият дорад ва барои пурра мутобиқ шудан ба меъёрҳои амнияти иқтисодӣ корҳои иловагӣ талаб мекунад. Дуюм, вобастагии кишвар аз воридоти баъзе маводди ғизоӣ ва сӯзишворӣ боис мегардад, ки захираҳои давлатӣ низ аз ин вобастагӣ истисно набошанд. Масалан, агар воридоти гандум ё сӯзишворӣ аз кишварҳои шарик коҳиш ёбад, захираҳои мавҷуда метавонанд танҳо муддати маҳдуд талаботи бозорро пӯшонанд. Сеюм, камбудиҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла набудани анборҳои муҷаҳҳаз дар баъзе минтақаҳо ва фарсуда шудани техникаву таҷҳизоти нигоҳдорӣ, монеаи ҷиддии нигоҳдории дарозмуддати захираҳо шуда

метавонад. Чорум, норасоии кадрҳои баландихтисос ва таҷрибадор дар соҳаи мудирияти захираҳои стратегӣ низ эҳсос мегардад, ки барои рушди ояндаи сохтор муҳим аст. Инчунин, ҳамоҳангсозии фаъолият бо дигар вазорату идораҳои давлатие, ки дар ҳолатҳои буҳронӣ ҳамкорӣ мекунанд (масалан, Вазорати рушди иқтисод, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра), бояд боз ҳам беҳтар гардонда шавад. Маҳз бо дарназардошти ин омилҳо, таҳкими асосҳои моддиву техникии Агентӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи бештари Ҳукумат ба маблағгузории ин ниҳод ҳамчун омили устувории иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолатҳои буҳрони иқтисодӣ ё таъсирҳои иқтисодии беруна, Агентии захираҳои моддӣ метавонад ба сифати як механизми зиддибуҳронӣ амал кунад.

Нақши ин сохтор ҳангоми чунин ҳолатҳо махсусан аҳамият пайдо мекунад. Масалан, дар давраи болоравии шадиди нархи орд дар баъзе минтақаҳои кишвар (мисоли шаҳри Хоруғ дар соли 2017), Агентии захираҳои моддӣ бо ба бозор баровардани орди захиравӣ тавонист аз ҷаҳиши бештари нархҳо ҷилавгирӣ намояд [24]. Ин нишон медиҳад, ки истифодаи саривақтии захираҳои давлатӣ метавонад фишорҳои нархиро коҳиш дода, дастрасии аҳолӣ ба маводди асосиро нигоҳ дорад.

Ҳамчунин, дар мавридҳои буҳрони истеҳсолӣ ё таъминотӣ, захираҳои моддӣ ҳамчун кафолати бозор баромад мекунанд. Чунончи, агар ҳосили ғалладона дар кишвар дар ягон сол кам шавад ё воридоти он бинобар буҳронҳои беруна қатъ гардад, захираи давлатии гандум метавонад барои як муддати муайян талаботи бозори дохилиро бо орд ва ғалладона таъмин намояд ва аз қиматшавии якбораи он пешгирӣ кунад. Ин ҳолат дар чанд соли охир дар амал татбиқ шуд - вақте ки бо дастури Ҳукумат аз захираи давлатии орд ба бозор маҳсулот бароварда, нархи он то ҳадди мумкин устувор нигоҳ дошта шуд. Мисоли дигар, дар мавсими сарди зимистони солҳои қабл, ки захираи сӯзишвории кишвар камчин гардид, Агентӣ аз анборҳои захиравии худ маводди сӯзишворро ба ширкатҳои интиқолдиҳанда пешниҳод кард, то интиқоли маҳсулот ва фаъолияти нақлиётӣ қатъ нашавад. Чунин чораҳо кумак мекунанд, ки ҳатто дар шароити буҳронӣ фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи муайян нигоҳ дошта шавад.




*Расми 3 – Раванди вокуниш ба буҳрон*

Бо дарназардошти воқеияти афзоиши таҳдидҳои табиӣ (заминларза, хушксолӣ ва ғайра) ва буҳронҳои геосиёсиву иқтисодӣ дар минтақаву ҷаҳон, омодагии доимии Агентии захираҳои моддӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Нақши Агентӣ дар шароити буҳронӣ на танҳо дар вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои пешомада зоҳир мегардад, балки бояд пешгирии буҳронҳоро низ фаро гирад. Барои ин, Агентӣ бояд ҳамеша омода бошад, то ки сатҳи захираҳоро бар асоси таҳлили хавфҳои эҳтимолӣ муайян намояд ва дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳо сенарияҳои эҳтимолии буҳронӣ ва роҳҳои истифодаи захираҳоро пешакӣ тарҳрезӣ кунад. Намунаи

барҷастаи амалии чунин сиёсати муштарак метавонад кӯмаки саривақтии Агентӣ ба аҳолии осебдида аз офатҳои табиӣ дар ноҳияҳои Тоҷикобод ва Рашт бошад, ки бо хаймаҳо, ашёи рӯзгор ва маводди ғизоӣ таъмин карда шудаанд. Танҳо дар ин сурат захираҳои моддӣ метавонанд кафолати ҳақиқии амнияти иқтисодӣ дар рӯбарӯи бухронҳо шаванд.

Фаъолияти самараноки Агентии захираҳои моддӣ аз мавҷудияти механизмҳои муассири молиявӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии зиёд дорад.

Аз лиҳози молиявӣ, Агентӣ барои харид, нигоҳдорӣ ва таҷдиди захираҳо ба сарчашмаҳои устувори маблағгузорӣ ниёз дорад. Айни замон маблағгузории асосии захираҳои моддӣ аз буҷети давлат сурат мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар сол барои пурра кардани фонди захиравӣ аз буҷет маблағҳои муайян ҷудо мешаванд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти таваррум ва афзоиши нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори ҷаҳонӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ бояд пайваста бознигарӣ гардад. Яке аз механизмҳои муфид метавонад таъсиси фонди махсуси стабилизатсионии давлатӣ бошад, ки дар давраи вазъи хуби молиявӣ пур карда шуда, дар ҳолати бухронӣ барои хариди иловагии маводди зарурӣ истифода гардад. Чунин фондҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ мавҷуданд ва самарабахшии худро нишон додаанд (масалан, фонди захиравии озуқаворӣ дар баъзе кишварҳо).

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, барои фаъолияти Агентӣ доираи пурраи салоҳиятҳо ва масъулиятҳои ҳуқуқӣ муайян шудааст. Қонунҳо ва қарорҳои зикршуда ваколатҳои Агентиро дар соҳаи харид, нигоҳдорӣ, фурӯш ва навсозии захираҳо муқаррар намудаанд. Бо ин вуҷуд, таҳкими минбаъдаи заминаи ҳуқуқӣ метавонад ба фаъолияти Агентӣ мусоидати бештар намояд. Масалан, метавон қонунгузориро такмил дода, барои ширкатҳои хусусӣ низ ухдадориҳои муайян ҷиҳати нигоҳ доштани захираҳои маҳсулоти асосӣ ҷорӣ кард (масалан, захираи ҳатмӣ барои истеҳсолкунандагони орд ё воридкунандагони сӯзишворӣ). Ҳамчунин, механизмҳои шарикӣ бо бахши хусусӣ дар захиракунонӣ метавонанд дар қонунгузорӣ пешбинӣ гарданд, ки ин ба ҷалби сармояи хусусӣ дар эҷоди анборҳо ва нигоҳдории захираҳо мусоидат хоҳад кард.

Яке аз механизмҳои ҳуқуқии дигари муҳим ин созишномаҳои байниминтақавӣ оид ба захираҳои стратегист. Тоҷикистон метавонад бо кишварҳои ҳамсоя ё шарик оид ба табодули маълумот дар бораи захираҳо ва ёрирасонии мутақобила дар ҳолатҳои фавқулодда созишномаҳо ба имзо расонад. Чунин ҳамкориҳои ҳуқуқӣ имконият медиҳанд, ки дар ҳолати рӯй додани бухрон дар минтақа, кишварҳо ба захираҳои якдигар дастрасӣ пайдо кунанд. Ин механизм дар доираи созмонҳои минтақавӣ, ба монанди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ё Созмони Ҳамкории Шанхай, қобили татбиқ мебошад.

Ба таври умум, комилияти механизмҳои молиявию ҳуқуқӣ шарти муҳими фаъолияти устувори Агентии захираҳои моддӣ мебошад. Риояи қатъии меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунҳо, шаффофият дар харҷу хариди захираҳо, аудит ва назорати доимии давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз ҷумлаи он шартҳоест, ки эътимод ба низоми захираҳои давлатиро баланд мебардоранд. Танҳо дар сурати мавҷудияти заминаи қавии қонунӣ ва таъмини маблағгузории кофӣ Агентӣ метавонад вазифаи худро пурра ва самаранок иҷро намояд.

Баррасии ҳолати феълӣ нишон медиҳад, ки дар рушди низоми захираҳои моддии давлатӣ чанд мушкилоти ҳалталаб вуҷуд доранд.



*Расми 4 – Мушкилоти амнияти иктисоди ва ҳалли онҳо*

Яке аз мушкилоти асосӣ нокифоя будани ҳаҷми умумии захираҳои моддӣ нисбат ба эҳтиёҷоти эҳтимолии кишвар мебошад. Бо вуҷуди пешравиҳо дар солҳои охир, ҳанӯз ҳам фоизи муайяни талаботи стратегии мамлакат берун аз захираҳои давлатӣ боқӣ мемонад. Барои рафъи ин мушкилӣ, тавсия мегардад, ки ҳаҷми фонди захиравӣ марҳила ба марҳила афзоиш дода шавад. Аз ҷумла, ҳар сол метавон бо ҷудо кардани маблағҳои иловагӣ захираҳои озуқаворӣ (орд, ғалла, равған ва ғ.), сӯзишворӣ ва доруворӣ зиёд карда шаванд.

Мушкилоти дуюм вобастагии зиёди захираҳои давлатӣ аз воридоти хориҷист. Азбаски қисми муҳими маводди ғизоии асосӣ ва сӯзишворӣ аз хориҷ ворид мешавад, захираҳои давлатӣ низ вобаста ба дастрасии ин воридот ҳастанд [25]. Барои коҳиш додани ин вобастагӣ, зарур аст, ки истеҳсолоти дохилӣ дастгирӣ ёбад. Тавсия мешавад, ки бо истифода аз захираҳои давлатӣ худи истеҳсолкунандагони ватанӣ таҳрик дода шаванд (масалан, хариди кафолатноки маҳсулоти онҳо ба захираҳои давлатӣ бо нархи мувофиқ). Ин сиёсат ҳамзамон истеҳсолотро рӯҳбаланд сохта, ҳаҷми воридотро коҳиш медиҳад.

Сеюм, масъалаи инфрасохтори захиравӣ ва логистика то ҳол пурра ҳалли худро наёфтааст. Гарчанде ки чанд анбори муосир бунёд гардидааст, вале ҳанӯз шабакаи анборҳои стандартӣ тамоми қаламравро фаро намегирад. Бинобар ин, тавсия мешавад, ки дар минтақаҳои камтар рушдёфта ва дурдаст анборҳои нави захиравӣ бо технологияи муосири нигоҳдорӣ сохта шаванд. Ин кор сармояи зиёд талаб намояд ҳам, дар давраи дарозмуддат самаранокии худро исбот хоҳад кард. Ҳамчунин, таҷдиди захираҳо (реновация) бояд мутобиқ ба муҳлати маҳфузияти ҳар як навъи маҳсулот сари вақт анҷом дода шавад, то сифат ва қобилияти истифодаи захираҳо ҳамеша дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шавад.

Чорум, ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳамоҳангсозӣ ниёз ба такмил доранд. Махсусан, бояд равобити Агентӣ бо вазорату идораҳои дигари дахлдор боз ҳам беҳтар карда шаванд. Ташкили гурӯҳи байниидоравии доимамалкунанда оид ба мониторинг ва пешгӯии хавфҳои озуқавориву энергетикӣ метавонад барои ин мақсад муфид бошад. Дар доираи ин гурӯҳ Агентии захираҳои моддии давалатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати энергетика ва дигар сохторҳои марбута маълумоти худро табодула намуда, сиёсати ягонаи захиракуниву истифодаи захираҳоро таҳия намоянд. Ин тавсия ба он хотир аст, ки танҳо талошҳои як сохтор (Агентӣ) барои ҳалли масъала нокифоя буда, ҳамкории ҳамаҷониба зарур аст.

Дар маҷмуъ, татбиқи маҷмуи тавсияҳои пешниҳодгардида имкон медиҳад, ки фаъолияти Агентии захираҳои моддии давлатӣ ба сатҳи сифатан нави рушд бароварда шавад. Аз ҷониби дигар, иҷрои ин тавсияҳо захираҳои моддиро ба унвони кафолати воқеии амнияти иқтисодӣ тақвият медиҳад. Бояд дарк кард, ки ҳар як сомонӣ, ки имрӯз барои пур кардани анборҳои захиравӣ сарф мегардад, фардо метавонад аз чандин сомонӣ зиёни эҳтимолӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ ҷилавгирӣ кунад. Пас, сармоягузорӣ ба ин соҳа ва такмили фаъолияти Агентии захираҳои моддии давлатӣ на танҳо як вазифаи идорӣ, балки кафолати шукуфоии фардои иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

## Хулоса

Дар ҷамъбасти муҳокима ва таҳлилҳои боло метавон хулоса кард, ки Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури калидӣ дар низоми таъмини амнияти иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад.

Захираҳои моддии давлатӣ ба сифати як “болишти бехатарӣ” иқтисоди миллӣ амал мекунанд, ки дар ҳолатҳои бӯҳронӣ устувории давлатро таъмин ва манфиатҳои ҳаётан муҳими ҷомеаро ҳифз менамоянд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки Тоҷикистон заминаи муносиб ва устувори назариявию ҳуқуқӣ барои идоракунии захираҳои моддӣ дорад -қонунгузории миллӣ вазифа ва самтҳои асосии истифодаи захираҳоро равшан муайян намудааст. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта (Чин, Русия, Қазоқистон) собит месозад, ки бо роҳандозии сиёсатҳои дуруст ва ҷудо намудани воситаҳои кофӣ, низоми захираҳои стратегӣ метавонад иқтисоди миллиро аз зарбаҳои сахт эмин нигоҳ дорад .

Агентии захираҳои моддии давлатӣ тайи солҳои охир фаъолияти худро тақвият дода, як қатор натиҷаҳои мусбат ба даст овардааст. Аз ҷумла, ташкили марказҳои нави логистикӣ дар минтақаҳои дурдаст (мисоли ВМКБ) ва татбиқи баъзе механизмҳои нави молиявӣ (мисоли ҷудо намудани қарзи имтиёзнок барои хариди гандуми дохилӣ) қадамҳои умедбахш ба ҳисоб мераванд . Бо вуҷуди ин пешравиҳо, як силсила камбудиву мушкилоте ошкор гардиданд, ки ҳаллу фасли онҳо барои рушдиояндаи сохтор муҳим аст. Инчунин, масъалаҳои такмили ҳамоҳангии байниидоравӣ ва ҷалби бештари таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба маблағгузории ин соҳа аҳамияти махсус пайдо намудаанд.

Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда, аз қабили афзоиши марҳила ба марҳилаи фонди захиравӣ, дастгирии истеҳсолоти дохилӣ, бунёди анборҳои нав, васеъ намудани номгӯйи маводди захиравӣ, такмили механизмҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии кадрӣ, имкон медиҳад, ки Агентии захираҳои моддӣ ба сатҳи нави фаъолияти худ ноил гардад.

Дар натиҷа, он на танҳо вокуниши муассир ба бӯҳронҳоро таъмин менамояд, балки ба пешгирии бӯҳронҳои эҳтимолӣ низ мусоидат мекунад.

Дар муҳити ҷаҳони имрӯза, ки вобастагиву осебпазирии иқтисоди кишварҳо афзоиш ёфтааст, доштани захираҳои стратегии кофӣ ва сохтори тавонои идоракунии онҳо шарти муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи Тоҷикистон дар ин замина ҳанӯз ҷавон аст ва имконоти зиёд барои такмил дорад. Стратегияҳои миллӣ, аз ҷумла Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030, низ таъкид бар ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва иқтисодӣ мекунанд, ки ин бо фаъолияти Агентии захираҳои моддӣ иртиботи мустақим дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки нақши Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буда, бо гузашти замон боз ҳам меафзояд. Бо такя ба пуштибонии давлат ва омӯзиши пайвастаи таҷрибаи пешқадам, ин сохтор қодир хоҳад буд рисолати худро дар рӯбарӯи таҳдидҳои иқтисодии оянда бо сарбаландӣ иҷро намояд ва ба суботу шукуфоии минбаъдаи кишвар саҳми арзандаи худро гузорад.

*Муқарриз: Одиназода Қ.С. — н.и.и., мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*

## Адабиёт


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои моддии давлатӣ». №216, 22.12.2006.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №652, 30.12.2007. Дар бораи таъсиси Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати ҶТ.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният». Душанбе: Маҷмааи меъёрҳои ҳуқуқии ҶТ, 2011.
4. Низомномаи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати ҶТ (тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати ҶТ №652, 30.12.2007).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №778, 29.12.2006. Дар бораи Қоидаҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои моддӣ.
6. Provision of the Agency on State Material Reserves under the Government of RT. – Accessed: 18.07.2025.
(English translation)
7. Ниёззода, С. С. Моҳияти амнияти иқтисодӣ ва нақши захираҳои моддии давлатӣ дар он // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №4(42). – С. 43–47.
8. Докукина, А. А. Теоретические основы концепции экономической безопасности предприятия в контексте цифровой трансформации // Экономика, предпринимательство и право. – 2023. – №4. – С. 110–113
9. National Academies of Sciences, Engineering, and Medicine. Building Resilience to Disasters: A Way Forward to Enhance National Health Security. – Washington, DC: The National Academies Press, 2017. – 10 p.
10. Wikipedia. National Food and Strategic Reserves Administration (China). – Accessed: 28.06.2025.
11. Российская газета. Как хранятся стратегические запасы России. – 22.09.2016.
12. Japan Ministry of Agriculture. Rice Reserve Release Report. – Official website, 2025. – Accessed: 27.10.2025.
13. Korea National Food Reserve. Grain Stockpile Report. – Official website, 2025. – Accessed: 15.10.2025.
14. Food Corporation of India. Strategic Reserves Annual Report. – Official website, 2025. – Accessed: 01.11.2025.
15. National Iranian Oil Company. Strategic Reserves Report. – NIOC website, 2025. – Accessed: 09.11.2025.
16. Кумитаи захираҳои давлатии Қазоқистон. Маълумот дар бораи сохтор ва фаъолияти Кумита. – gov.kz. – Accessed: 05.08.2025.
17. Reuters. Russia seeks gasoline from Kazakhstan in case of shortages. – 13.09.2024. – Accessed: 15.07.2025.
18. Global Hunger Index. Uzbekistan: Food Security and Reserves. – Report, 2023. – Accessed: 19.09.2025.
19. Kyrgyz Republic State Reserve Fund. Annual Report on Food Security. – Official website, 2023. – Accessed: 22.09.2025.
20. Human Rights Watch. Turkmenistan: Food Rationing and Reserves. – HRW Report, 2023. – Accessed: 05.10.2025.
21. Сомонаи Президенти ҶТ. Ифтитоҳи Маркази логистикии Агентии захираҳои моддӣ дар ноҳияи Рӯшон. – 05.02.2020. – Нашр дар сайтеи ВКД ҶТ. – Accessed: 20.05.2025.
22. Asia-Plus. Власти Таджикистана выделяют льготный кредит… – 11.04.2024. – Accessed: 22.03.2025.

23. CentralAsianLight. Tajikistan plans to receive fuel from Tatarstan. – 03.10.2024. – Accessed: 05.04.2025.

24. АМИТ «Ховар». Агентии захираҳои моддӣ аз болоравии нархи орд… – 10.08.2017. – Accessed: 30.04.2025.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ – СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ – INFORMATION ABOUT AUTHOR**



| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Ниёззода Саиднуамони Саидхомид | Ниёззода Саиднуамони Саидхомид | Niyozzoda Saidnuamoni Saidhomid |
| докторанти PhD соли сеюми таҳсили Институти иқтисод ва демографияи АМИТ | доктор PhD третьего курса Института экономики и демографии НАНТ | PhD student in the third year of study at the Institute of Economics and Demography of the NAST |
| Раёсати ташкил ва идораи захираи давалатӣ Агентии захираҳои моддии давалатии назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон | Управление организации и управления государственным резервом Агентства по государственным материальным резервам при Правительстве Республики Таджикистан | Department of Organization and Management of the State Reserve, Agency for State Material Reserves under the Government of the Republic of Tajikistan |
| E-mail: abr.0093@mail.ru | | |